**ХУЛОСАИ НИҲОИИ**
**Шурои диссертатсионии 6D.KOA-019-и**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз рӯйи**
**диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм**

Парвандаи аттестатсионии № _____
Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 24 сентябри соли 2022, №6 дар бораи сазовор донистани Имомов Ҳумоюн Шарофиддинович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ

Диссертатсияи Имомов Ҳумоюн Шарофиддиновичро дар мавзуи «Мақоми ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳизбҳои сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) дар таърихи 11.07.2022, суратмаҷлиси №3 аз ҷониби Шурои диссертатсионии 6D.KOA-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17, Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 07 январи соли 2022, №15/шд 62) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Имомов Ҳумоюн Шарофиддинович 14-уми августи соли 1988 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Имомов Ҳумоюн Шарофиддинович соли 2013 факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси ҳуқуқшинос хатм кардааст. Аз соли 2013 ин ҷониб ассистенти кафедраи ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Солҳои 2014 – 2019 унвонҷӯи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба ҳисоб мерафт.

Мавзуи диссертатсия – «Мақоми ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳизбҳои сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар ҷаласаи Шурои олимони факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 27.03.2014, №07 (13-14) тасдиқ гардидааст.

Ба унвонҷӯ шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ аз 08.06.2022, №65 аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дода шудааст.

Имтиҳонҳои номзадӣ бо баҳои зерин супорида шудаанд:

1. Таърих ва фалсафаи илм – 5 «аъло», 14.05.2022 с.
2. Забони хориҷӣ (англисӣ) – 4 «хуб», 14.11.2020 с.
3. Ихтисос – 12.00.02. – 5 «аъло», 21.05.2021 с.

Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода ва муҳокима шудааст.

Ғайр аз ин, диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (аз санаи 02.04.2022) ҳамчунин, дар ҷаласаи кушод ва муштараки кафедраҳои ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ, назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон муҳокима гардида, аз 18-уми июни соли 2022 ба ҳимоя тавсия дода шудааст.

**Роҳбари илмӣ:**

**Гадоев Бурҳонидин Саймудинович** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**Муқарризони расмӣ:**

**Элназаров Давлатшо Хоҷаевич** – мудири кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент

**Мухторов Кsyромиддин Тоҷиевич** – мудири кафедраи ҳуқуқшиносии факултети таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент

**Муассисаи тақриздиҳанда** – Муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии «Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон» (ш. Хуҷанд), дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби муқарриз Бобоев Анварбек Хуҷаевич – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи конститутсионии Донишгоҳи давлатии ҳуқук, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон ба имзо расида, аз ҷониби Ректори Донишгоҳи давлатии ҳуқук, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Шарифзода Муъмин Машокир тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад. Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он 20 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 7 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 13 мақола дар нашриёҳои дигар ба табъ расонидааст. Интишороти унвонҷӯ нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**Муҳимтарин интишороти довталаби дараҷаи илмӣ аз рӯйи мавзуи диссертатсия:**

1. Имомов Ҳ.Ш. Ҷавобгарии конститутсионӣ-ҳуқуқии ҳизбҳои сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ҳ.Ш. Имомов // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2019. – №3 (27). – С. 75–82.

2. Имомов Ҳ.Ш. Баъзе аз масъалаҳои иштироки ҳизбҳои сиёсӣ дар амалигардонии муносибатҳои конститутсионӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ҳ.Ш. Имомов // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – 2019. – №2 (30). – С. 182–188.

3. Имомов Х.Ш. Конституционно-правовые принципы создание и деятельности политических партий в Республике Таджикистан [Текст] / Х.Ш. Имомов // Научно-аналитический журнал «Законодательство». – 2019. – №2 (34). – С. 26–31.

4. Имомов Ҳ.Ш. Назария ва ақидаҳои муҳаққиқон роҷеъ ба мафҳум ва моҳияти ҳизбҳои сиёсӣ [Матн] / Ҳ.Ш. Имомов // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2020. – №3 (31). – С. 107–116.

5. Имомов Ҳ.Ш. Роҷеъ ба ҳуқуқу озодӣ ва уҳдадориҳои ҳизбҳои сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ҳ.Ш. Имомов // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2020. – №4 (32). – С. 83–93.

6. Гадоев Б.С., Имомов Ҳ.Ш. Иштироки ҳизбҳои сиёсӣ дар фаъолияти парлумони Ҷумҳурии Тоҷикистон: масоил ва дурнамо [Матн] / Б.С. Гадоев., Ҳ.Ш. Имомов // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2021. – №2 (34). – С. 58–64.

7. Гадоев Б.С., Имомов Ҳ.Ш. Таҳкими низоми бисёрҳизбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Б.С. Гадоев, Ҳ.Ш. Имомов // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2021. – №3 (23). – С. 106–113.

8. Имомов Ҳ.Ш. Нақши бунёдии ҳизбҳои сиёсӣ дар замони муосир [Матн] / Ҳ.Ш. Имомов //. Маводҳои Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи: «Инкишофи падидаи конститутсионализм дар даврони истиқлолияти Тоҷикистон» (Душанбе, 29 октябри соли 2014). – С. 204–207.

9. Имомов Х.Ш. Вопросы становления и эволюции политических партий как конституционно-правового института [Текст] / Х.Ш. Имомов // Государствоведение и права человека. – 2016. – №2 (02). – С. 74–77.

10. Имомов Ҳ.Ш. Гуногунандешии сиёсӣ ва мафкуравӣ ҳамчун принсипҳои асосҳои сохтори конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ҳ.Ш. Имомов // «Қонунгузорӣ». – 2017. – №2 (26). – С. 29–33.

11. Имомов Ҳ.Ш. Ҳуқуқи шаҳрвандон ба муттаҳидшавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ҳ.Ш. Имомов // «Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон». – 2017. – №4 (08). – С. 64–68.

12. Имомов Ҳ.Ш. Роҷеъ ба масъалаҳои пайдоиш ва инкишофи падидаи ҳизбҳои сиёсӣ дар илми ҳуқуқи конститутсионӣ [Матн] / Ҳ.Ш. Имомов // Маводҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи: «Аҳамияти Иҷлосияи тақдирсози XVI-Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳкими давлатдории миллӣ ва рушди қонунгузорӣ» (Душанбе, 10 ноябри соли 2017). – С. 140–147.

13. Имомов Ҳ.Ш. Табиати ҳуқуқӣ ва таркиби ҳуқуқи иштироки шаҳрвандон дар идоракунии корҳои давлатӣ [Матн] / Ҳ.Ш. Имомов // Маводҳои Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи: «Нақши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таҳкими ваҳдати миллӣ» (Душанбе, 15-16 июни соли 2017). – С. 128–129.

14. Имомов Ҳ.Ш. Роҷеъ ба мафҳум ва аҳамияти муносибатҳои ҳуқуқӣ-конститутсионӣ дар илми ҳуқуқи конститутсионӣ [Матн] / Ҳ.Ш. Имомов // Маводҳои Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи: «Нақши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таҳкими ваҳдати миллӣ» (Душанбе, 15-16 июни соли 2017). – С. 201–203.

15. Имомов Ҳ.Ш. Таҳкими Ваҳдати миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ҳ.Ш. Имомов // «Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон». – 2018. – №3 (11). – С. 133–139.

16. Имомов Х.Ш. Участие политических партий в избирательном процессе [Текст] / Х.Ш. Имомов // «Государствоведение и права человека». – 2018. – №2 (10). – С. 52–58.

17. Имомов Ҳ.Ш. Ақидаҳо ва назарияҳои олимони тоҷик дар рушди ҷомеаи шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ҳ.Ш. Имомов // Маводи семинари илмӣ-назариявӣ: «Нақши олимони муосири тоҷик дар рушди илми ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Душанбе, 03.03.2019). – С. 84–92.

18. Имомов Х.Ш. К вопросу о правовой институционализации политических партий в науке конституционного права [Текст] / Х.Ш. Имомов // «Государствоведение и права человека». – 2019. – №1 (13). – С. 99–106.

19. Имомов Х.Ш. Конституционно-правовой статус политических партий в Республике Таджикистан и в странах СНГ: конституционно-сравнительный анализ [Текст] / Х.Ш. Имомов // Национальная правовая система Республики Таджикистан и стран СНГ: анализ тенденций и перспектив развития: материалы VII международной научно-практической конференции, посвященной 25-летию Конституции Республики Таджикистан (Душанбе, 31 октября 2019). – С. 385–388.

20. Имомов Ҳ.Ш. Ҳуқуқу озодиҳои сиёсии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳлили ҳуқуқӣ-конститутсионӣ [Матн] / Ҳ.Ш. Имомов // Ҳуқуқи инсон дар раванди ҷаҳонишавӣ (Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ бахшида ба таҷлили рӯзи қабули Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон) (Душанбе, 7-уми декабри соли 2021) / Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмон Д.С. Душанбе: Матбааи ДМТ, 2021. – С. 354–360.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба Шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

**Раҳмон Д.С.** – ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор;

**Раҷабзода Р.М.** – раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент;

**Зокиров Г.Н.** – профессори кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои сиёсӣ;

**Мирзоев П.И.** – мудири кафедраи ҳуқуқ ва ҳуқуқшиносии муқоисавии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, дар онҳо баъзе эродҳои хусусияти баҳснокдошта манзур шудааст. Эродҳо асосан нуктаҳои илмии мубоҳисавии диссертатсияро оид ба ташаккули қонунгузорӣ дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, принсипҳои ҳуқуқии таъсис ва фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ, тафовути мафҳуми ҳизбҳои сиёсӣ дар илми сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқшиносӣ, дар бораи таълимоти классикии ҳизбҳои сиёсӣ, ҷавобгарии ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳизбҳои сиёсӣ, баъзе аз таклифҳо дар самти такмили қонунгузории ҳизбҳои сиёсӣ, пешниҳоду нактаҳои назари шахсии муаллифи автореферат ва дигар камбудиҳои забониву имлоиро фаро мегиранд.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд.

Ҳамчунин, интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи тақриздиҳанда бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд ва корҳои илмӣ-таҳқиқотии онҳо ба масъалаи гуногуни кори илмии анҷомдодашуда алоқамандии зич доранд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

– таърихи пайдоиш ва инкишофи падидаи ҳизбҳои сиёсӣ дар Тоҷикистон мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст;

– мафҳуми ҳизби сиёсӣ ва мавқеи он дар низоми иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ муайян гардида, андешаҳои олимони соҳаи ҳуқуқи конститутсионӣ дар ин самт ба таври зарурӣ ҷамбаст шуда, хулосаҳои илмии асоснок пешниҳод гардидааст;

– маълумоти зарурӣ ва хулосабарориҳои мушаххас дар бораи сохтор ва таркиби ҳизбҳои сиёсӣ ироа шудааст;

– принсипҳои ҳуқуқии таъсис ва фаъолият ҳизбҳои сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудааст;

– тартиби ташкил ва фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян ва мавриди пажуҳиши амиқ қарор дода шуда, мушкилоти қонунгузорӣ ва амалӣ дар самти таҳлил ва роҳи ҳалли он аз нигоҳи муаллиф нишон дода шудаанд;

– пешниҳодҳои судманд ҷиҳати тақвияти ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ҳизбҳои сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, манзур гардидаанд;

– назорати давлатӣ ба фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқии онҳо ироа гардидааст.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ бо он асоснок карда шудааст, ки** натиҷаҳои бадастомада низоми донишҳои мавҷударо оид ба мақоми ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳизбҳои сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷамъбаст ва густариш медиҳанд. Ҳамин тавр, аз рӯйи натиҷаҳои бадастомада, ба чунин хулосаи асоснок омадан мумкин аст, ки таҳқиқоти мазкур метавонад дар рушди илми ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи парлумонӣ, қонунгузории ҳизбҳои сиёсӣ ва қонунгузории интихобот саҳми арзанда гузошта, дар баробари ин, баҳри бартараф намудани норасоиҳои ҷойдоштаи соҳаи мазкур кумак расонад.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта, ба сифати заминаи методологии таҳқиқот як қатор усулҳои умумиилмӣ ва хусусӣ, ба монанди:** диалектикӣ, мантиқӣ, расмӣ-ҳуқуқӣ, мантиқӣ-забонӣ, оморӣ, шаклӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ ва дигар усулҳо истифода шудаанд.

Ҳамчунин ҷанбаҳои алоҳидаи назариявии осори олимони ватанию хориҷӣ ба монанди С.А. Авакян, А.С. Автономов, З.М. Ализода, С.Ю. Алимов, М.В. Баглай, Т.К. Байкова, Т.Б. Бекназар-Юзбашев, А.Л. Бураковский, С.В. Василева, Е.А. Волкова, А.Н. Волобуева, Б.С. Гадоев, Ю.С. Гамбаров, В.Н. Даниленко, А.М. Диноршоҳ, М. Дюверже, А.Д. Ермаков, С.Е. Заславский, Ҷ.М. Зоир, Э.В. Зотов, З.М. Зотова, А.И. Имомов, Ш.Ҳ. Камолов, Л.М. Карапетян, В.В. Киреев, В.В. Лапаева, В.А. Лебедев, Е.Н. Маркова, К.Т. Мухторов, Э.С. Насриддинзода, Д.С. Раҳмон, И.И. Саидзода, Б.А. Сафарзода, А.В. Селивончик, С.В. Сологуб, К.В. Старостенко, Ф.Т. Тоҳиров, А.Ғ. Холиқзода, К.Н. Холиқов, Х.Ҳ. Ҳамидов, М.С. Ҳайдарова, В.Е. Чиркин, Ҷ.Н. Ҷамшедзода, Р.Ш. Шарофзода, Д.Х. Элназаров, Ю.А. Юдин ва дигарон омӯхта шудаанд.

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешаванд, ки** хулосаву пешниҳодоти дар диссертатсия таҳиянамудаи муаллиф, метавонанд ҷиҳати такмили минбаъдаи қонунгузории ҳизбҳои сиёсӣ ва интихобот мавриди истифода қарор дода шаванд. Ҳамчунин маводи таҳқиқотӣ метавонад дар ҷараёни таълим, дар муассисаҳои олӣ ҳангоми тадриси фанҳои ҳуқуқшиносӣ – ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи парлумонӣ ва ҳуқуқи интихобот ва мурофиаи интихобот истифода шавад.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки:**

– нуктаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ ба осори илмии муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ дар самти мақоми ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳизбҳои сиёсӣ асос ёфта, бо маводи интишории унвонҷӯ, ки оид ба мавзуи диссертатсия ба нашр расидаанд, мувофиқат мекунанд;

– дар таҳқиқоти диссертатсионӣ ақидаҳо, нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳои асарҳои олимони соҳаи ҳуқуқи конститутсионӣ вобаста ба

паҳлуҳои гуногуни мақоми ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳизбҳои сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил гардида, як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба институти мазкур мавриди омӯзиш қарор гирифтааст, ки саҳеҳнокии натиҷаҳои бадастовардашударо таъмин мекунанд;

– натиҷаҳои бадастовардаи унвонҷӯ барои рушди ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи парлумонӣ, ҳуқуқи интихобот ва мурофиаи интихобот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат мекунанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** бо он муайян карда мешавад, ки натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, аз ҷумла хулосаҳои назариявӣ, таклифу пешниҳодҳо ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод карда мешаванд, метавонанд дар ҷодаи рушду такмили қонунгузории ҳизбҳои сиёсӣ ва интихобот саҳми назаррас дошта бошанд.

Дар маҷлиси Шурои диссертатсионӣ аз 24 сентябри соли 2022 қарор қабул карда шуд, ки ба Имомов Ҳумоюн Шарофиддинович дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ аз 15 нафар аъзои Шурои диссертатсионӣ, ки бо Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, №15/шд 62 тасдиқ гардидааст 12 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 5 нафарашон доктарони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз 12 нафар аъзои Шӯрои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ 12 нафар, муқобил – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раисикунандаи ҷаласаи Шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Шарипов Т.Ш.

И.в. котиби илмии Шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Мирзамонзода Х.М.

24 сентябри соли 2022